Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА–018-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, кӯч. Буни Ҳисорак)

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Асозода Тахмина Авғон дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии ҳифзи сирри бонкӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқи хусусӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ

Дар шароити инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ, бо тақозои замон тағйирёбии мувозинати манфиатҳои хусусӣ ва оммавӣ, рушди босуръати технологияҳои рақамӣ, густариши муносибатҳои бонкӣ ва афзоиши гардиши иттилооти электронӣ масъалаи омӯзиши ҳифзи сирри бонкӣ аҳаммияти хоссаи назариявӣ ва амалӣ касб менамояд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита ба татбиқи сиёсати давлатии рушди хизматрасониҳои бонкию молиявӣ, аз ҷумла рақамикунонии онҳо, бо назардошти дастовардҳои солҳои охир баррасӣ намудани заминаи ҳуқуқии танзими муносибатҳои вобаста ба ҳифзи сирри бонкӣ мавриди таваҷҷуҳи ҷиддӣ мебошад. Бинобар ин, таҳқиқи масъалаҳои ҳуқуқии ҳифзи сирри бонкӣ муҳимияти худро барои илми ҳуқуқшиносӣ нигоҳ медорад.

Автореферати диссертатсияи Асозода Тахмина Авғон фарогири паҳлуҳои алоҳидаи масъалаи ҳифзи сирри бонкӣ тавассути омӯзиши маводҳои назариявӣ ва то андозае заминаи ҳуқуқию амалияи татбиқи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Қайд кардан бамаврид аст, ки омӯзиши мавзуи ҳифзи сирри бонкӣ аз нигоҳи илмӣ ва амалӣ аҳаммияти муҳим дорад. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки масъалаҳои ҷудогонаи назариявӣ ва амалии ҳифзи сирри бонкиро, алалхусус дар шароити ташаккули муносибатҳои рақамӣ, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва рушди хизматрасониҳои электронӣ дар доираи тадқиқоти худ то андозае фаро гирифта, таҳлил намояд.

Дар автореферат дуруст қайд гардидааст, ки сирри бонкӣ ҳамчун яке аз институтҳои муҳими ҳуқуқи хусусӣ дар таъмини эътимоди муштариён ба низоми бонкӣ ва ҳифзи манфиатҳои иштирокчиёни муносибатҳои бонкию молиявӣ нақши назаррас дорад. Дар баробари ин, рушди хизматрасониҳои бонкӣ тавассути технологияҳои рақамӣ боиси густариши мубодилаи электронии маълумот гардида, масъалаҳои нави ҳуқуқиро вобаста ба ҳифзи сирри бонкӣ ба вуҷуд овардааст, ки омӯзиши онҳо ва аз рӯйи зарурият такмил додани чораҳои муосири ҳифзи сирри бонкиро тақозо менамояд.

Муаллиф мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро мушаххас муайян намуда, назарияи сирри бонкӣ, заминаи ҳуқуқию амалияи ҳифзи онро, аз ҷумла тавассути омӯзиши таҷрибаи давлатҳои алоҳида мавриди омӯзиш қарор додааст.

Дар автореферат истифодаи методҳои таҳқиқоти илмӣ, аз ҷумла методҳои таърихӣ, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, мантиқӣ ва системавӣ ба назар мерасанд.

Аз ҷумлаи дастовардҳои муҳими илмии таҳқиқот метавон омӯзиши таърихи инкишофи ҳифзи сирри бонкӣ бо муайян намудани ташаккулёбии назарияи падидаи мазкур, таҳлили масъалаҳои алоҳидаи танзими ҳуқуқии ҳифзи сирри бонкӣ, аз ҷумла бо фарогирии равишҳо дар кишварҳои ҷудогона ва дар шароити рақамикунонӣ, баррасии мушкилоти алоҳидаи амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ ва пешниҳоди тавсияҳо оид ба такмили чораҳои ҳифзи сирри бонкиро арзёбӣ намуд.

Пешниҳоди муаллиф оиди аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон қабул гардидани Дастурамали мушаххас ҷиҳати таъмини коргузории махфӣ бо маълумоти сирри бонкӣ дар тамоми ташкилотҳои қарзӣ ҷолиби диққат буда, бо назардошти талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” мавриди баррасии иловагии Бонки миллии Тоҷикистон қарор хоҳад гирифт.

Навгонии илмии таҳқиқот ба он вобаста шудааст, ки мавзуи ҳифзи сирри бонкӣ бори нахуст дар доираи таҳқиқоти мустақили ҳуқуқи хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Таҳқиқоти илмӣ ва пешниҳодҳои муаллиф метавонанд ҳангоми такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои қарзӣ мавриди баррасӣ ва корбарӣ қарор гирифта, инчунин барои илми ҳуқуқшиносӣ ва ҳангоми таълими фанҳои ҳуқуқи мадании, ҳуқуқи бонкӣ ва ҳуқуқи иттилоотӣ ҳамчун як асари нави эҷодӣ хизмат намояд.

Дар робита ба дастовардҳо ва пешниҳодҳои дар автореферат баённамудаи муаллиф ишора намудани баъзе мулоҳизаҳо ба мақсад мувофиқ мебошад.

Муаллиф омӯзиши масъалаи ҳифзи сирри бонкиро асосан бо такя ба Қонуни амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» анҷом дода, муқаррароти қонунҳои дигари бонкӣ дар сатҳи зарурӣ баррасӣ нашуда мондаанд. Инчунин ҷиҳати фарогирии пурраи масъалаи ташаккулёбии ҳифзи сирри бонкӣ омӯзиши Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 феврали соли 1991, №284 “Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” (бо тағйиру иловаҳо аз соли 1994) низ ба мақсад мувофиқ мебуд.

Муаллиф ба мухолифати байни Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои бонкӣ оид ба масъалаи танзими ҳифзи сирри бонкӣ ишора менамояд, вале бояд қайд кард, ки “сирри бонкӣ” ҳамчун падидаи мураккаби маҷмӯӣ мавзуи танзими қонунгузории бонкӣ буда, муқаррароти Кодекси маданӣ нақши муайянкунанда ва ё ҳалкунандаро надоранд.

Бо чунин мавқеи муаллиф, ки айни замон қонунгузории амалкунанда дар соҳаи ҳуқуқи маданӣ ва фаъолияти бонкӣ барои ҳимояи манфиатҳои моддии шахсони воқеию ҳуқуқӣ нокифоя ва мафҳуми сирри бонкӣ бешарҳу таркиби он номуайян боқӣ мемонад, розӣ шудан мушкил аст. Зеро дар иртибот ба мониторинги амалияи ҳифзи сирри бонкӣ дар сатҳи Бонки миллии Тоҷикистон, мушкилиҳои вобаста ба шарҳи сирри бонкӣ ва таркиби он, аз ҷумла муроҷиатҳо ба Парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки салоҳияти шарҳу тавзеҳи расмии

қонунҳоро дорад, ба қайд гирифта нашудаанд. Ҳамзамон муаллиф муқаррароти қонунгузории бонкиро оид ба мафҳуми сирри бонкӣ номукаммал ҳисобида, пешниҳоди худро оид ба мафҳуми сирри бонкӣ манзур намудааст, ки он ҳамчун як назари эҷодии субъективӣ аз лиҳози назариявӣ ҷолиб буда метавонад. Лекин бо мафҳуми пешниҳодшуда махсус фаро гирифта шудани "маълумотҳо дар бораи шахсият" ва "муносибат бо низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон", ба назари мо таъиноти амалии онро чандон маҳдуд менамояд. Зеро сирри бонкӣ воситаи ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шахсони ҳуқуқӣ низ мебошад ва он дар муносибати байни ташкилоти қарзӣ ва муштарии мушаххас татбиқ мегардад.

Ба андешаи мо ҳангоми пешниҳоди такмили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" ва ба қисми сеюми моддаи 48 илова намудани сархати нав, ки дастрасии мудирони ташкилотҳои барҳамхурандаи дар асоси таъиноти суди иктисодӣ таъингардидаро ба маълумоти сирри бонкӣ муқаррар менамояд, ҳолати зерин бояд ба инобат гирифта мешуд. Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ" мудири махсус, ваколатҳои мақомоти идораи ташкилоти қарзиро (маҷлиси умумии саҳмиядорон, шӯрои нозирон, раёсат, раис) ба зимма дошта, ӯ ягона намояндаи қонунии ташкилоти қарзӣ ба ҳисоб меравад. Яъне мудири махсус ҳамчун мақоми идораи ташкилоти қарзӣ фаъолият менамояд, ки аз рӯи ҳолати ҳуқуқӣ бо маълумоти сирри бонкӣ сару кор мегирад. Бинобар ин аз назари мо барои мақоми идораи ташкилот пешбинӣ шудани ҳуқуқи дастрасӣ ба сирри бонкӣ чандон асоснок ва мантиқӣ намебошад.

Бо вуҷуди мулоҳизаҳои зикршуда, арзиши муайяни таҳқиқот барои илм ва амалия коҳиш намеёбанд. Автореферати диссертатсияи Асозода Тахмина Авғон ба талаботи муқарраргардидаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

Тақриздиҳанда:
Сардори идораи ҳуқуқи Бонки миллии
Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Расулов Б. Р.

Имзои Расулов Б.Р.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори идораи кормандони БМТ Сайдвалиева О.С.

ИДОРАИ КОРМАНДОН
УПРАВЛЕНИЕ ПЕРСОНАЛОМ

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 38/1
Тел.: (44) 600-32-27, суроғаи электронӣ:
www.info@nbt.tj
«04» 06 2026